Муҳиммияти масъалаи дар диссертатсия баррасишаванда, бешубҳа, бо зарурати таъхирнопазири рушди муосири сайёҳии экологӣ муайян мегардад. Он бо назардошти табиати мураккаби худ, ҳамзамон ҳам ба афзалиятҳои иқтисодӣ ва ҳам ба талаботи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мегардад. Дар навбати худ, ин аз як тараф ҳифзи мероси табиӣ ва коҳиши хавфҳои экологиро чун стратегияҳои самарабахш таъмин месозанд, ва аз ҷониби дигар – ба даст овардани манфиатҳои устувори иқтисодӣ барои ҷомеаҳои маҳаллиро дар назар дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои назариявии сайёҳии экологӣ дар корҳои иқтисодшиносони кишварҳои гуногун, аз ҷумла муҳаққиқони тоҷик, инъикос ёфтаанд. Ба рушди назария ва методологияи сайёҳии экологӣ, махсусан дар шароити афзоиши рақобат, саҳми назаррас гузоштаанд Е. И. Арсеньева, А. С. Кусков, Н. В. Феоктистова, К. А. Атышов, Ю. П. Баденков, А. В. Дроздов, Т. К. Сергеева, инчунин Ф. Р. Шаропов, У. С. Асрорзода, Н. К. Қаюмов, Ф. С. Обидзода, И. Х. Самандаров, Х. Е. Карамхудоев, Х. М. Муҳаббатов, М. Э. Қодирова ва дигар олимони тоҷик.

Ҷанбаҳои экологӣ ва масъалаҳои рушди устуворро У. С. Асрорзода, Т. Б. Ғаниев, Р. Д. Диловаров, Д. Б. Қодирзода, Ҷ. Н. Ёров, А. И. Каримов, Х. У. Умаров, Ҷ. Н. Машокиров, В. Н. Николашин, инчунин О. Н. Коломитс ва А. А. Мамадризохонов таҳқиқ кардаанд, ки корҳои онҳо барои омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муфид мебошанд.

Дар корҳои А. А. Мамадризохонов, А. Д. Хоҷаева, А. Х. Шодиев масъалаи рушди сайёҳӣ бо дарназардошти омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Олимон Ш. Д. Гадоев ва А. М. Ашуров, А. Ҷӯраев, Ш. С. Азизов иқтидори сайёҳии экологии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҷанбаҳои иқтисодӣ бошанд, дар корҳои Мусои Мейсам, У. Б. Бадалов, С. А. Беҳештӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳамзамон, дар Тоҷикистон сатҳи таҳқиқи илмии ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии рушди сайёҳӣ ҳанӯз ба талаботи муосири рушди устувор пурра ҷавобгӯ нест, ки ин зарурати гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаро, ки ба дарки амиқтари робитаи байни азхудкунии хоҷагии захираҳои сайёҳӣ, ҳифзи муҳити табиӣ ва нигоҳдории мувозинати экологӣ равона шудаанд, боз ҳам бештар менамояд. Дар ин замина равиши комплексӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро он имкон медиҳад, ки масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва ҷилавгирӣ аз коҳиши гуногунии биологӣ на ба таври ҷудогона, балки ҳамчун унсурҳои бо ҳам алоқаманди низоми ягона баррасӣ гарданд; низоме, ки дар он манфиатҳои иқтисодӣ бояд бо масъулияти экологӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкури диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар чорчӯбаи татбиқи амалии муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», бо назардошти равандҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии дарозмуддати кишвар махсусан муҳим ба назар мерасад. Мутобиқи афзалиятҳо ва ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давра то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давра то соли 2030 (тасдиқшуда 1 августи соли 2018, № 372) иҷро гардидааст, ки онҳо дар маҷмуъ заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стратегии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ такмил додани роҳҳои рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон буда, он бо дарназардошти таҳлили ҳолати кунунӣ ва иқтидори соҳа, инчунин таҳияи усулҳо ва механизмҳои самараноке, ки ба ҳамгироии мутаносиби манфиатҳои иқтисодию экологӣ мусоидат мекунанд, амалӣ мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– таҳлили системавии асосҳои назариявӣ-методии сайёҳии экологиро анҷом дода, равишҳо ва принсипҳои асосии илмиро, ки генезис, фаъолият ва рушди устувори онро муайян мекунанд, ҷамъбаст намудан;

– вазъи муосири сайёҳии экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ ва табиӣ-захиравӣ арзёбӣ намудан; мушкилот ва маҳдудиятҳои асосиро муайян кардан; имкониятҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаро асоснок намудан;

– бартариҳои рақобатпазирии сайёҳии экологии Тоҷикистонро таҳлил ва асоснок кардан (омилҳои табиӣ-захиравӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ, ҷобаҷокунии маҳсулоти сайёҳӣ), инчунин дурнамои афзоиш ва диверсификатсияи ҷараёнҳои сайёҳии дохилӣ ва байналмилалиро арзёбӣ намудан;

– маҷмуи тавсияҳо ва механизмҳои амалӣ-самтноки рушди сайёҳии экологиро таҳия кардан, ки чораҳои дастгирии давлатӣ, роҳҳои ҳалли инфрасохторӣ ва маркетингӣ, инчунин пешниҳодҳо оид ба такмили идоракунӣ ва фароҳам овардани шароити ташкиливу иқтисодӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва стандартҳои экологиро дар бар мегирад.

**Объекти таҳқиқот** сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он махсусан муҳим буда, дар заминаи васеъ ва дар контексти низомӣ баррасӣ карда мешавад. Он на танҳо равандҳои ташаккул ва рушди онро дар шароити муосир, балки маҷмуи сохторҳои ташкилӣ, равандҳои идоракунӣ ва механизмҳои иқтисодиву ҳуқуқиро, ки мустақиман ё бавосита ба фаъолияти устувори ин соҳа дар шароити иқтисоди муосири шаклгиранда ва дар ҳоли табдилёбӣ таъсир мерасонанд, дар бар мегирад.

**Предмети таҳқиқот** ҷанбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва институтионии рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки онҳо аз як тараф таҳлили омилҳоеро дар бар мегиранд, ки ба рушди устувори сайёҳии экологӣ дар шароити табдили бозории иқтисод монеъ мешаванд, ё баръакс ба он мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар – таҳияи механизмҳо, воситаҳо ва самтҳои стратегии аз ҷиҳати илмӣ асосноки такмили сайёҳии экологӣ дар чаҳорчӯбаи қонунгузории миллӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳифзи муҳити зистро фаро мегиранд.

**Гипотезаи таҳқиқот.** Зикр бояд кард, ки тавсияи сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то андозаи назаррас ҳам бошад, ба таври ҷиддӣ аз ҷониби маҷмуи омилҳои баҳампайванди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ маҳдуд мегардад. Аммо сиёсати ҳадафмандонаи давлатӣ, ки ба бартарафсозии ин монеаҳо равона шудааст, метавонад рушди устувори соҳаро таъмин карда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат намояд.

**Асосҳои методикии таҳқиқот** дар асоси равиши мукаммал ташаккул ёфтаанд, ки усулҳои миқдорӣ ва сифатиро барои таҳлили рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон дар бар мегирад. Равиши низомӣ имкон медиҳад, ки сайёҳии экологӣ

ҳамчун ягонагии унсурҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ баррасӣ шавад. Усулҳои статистикӣ ва санҷиши иқтисодӣ татбиқ мегарданд, инчунин таъсири сайёҳии экологӣ ба сатҳи шуғл ва инфрасохтор арзёбӣ карда мешавад. Тағйироти институтсионалӣ, нақши давлат ва монеаҳои рушди устувор таҳлил шуда, таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ низ анҷом дода мешавад. Ҷамъоварии маълумот тавассути саволномаҳо ва мусоҳибаҳо фаҳмиши мукаммали омилҳои рушдро таъмин намуда, ба ташаккули тавсияҳои амалӣ мусоидат мекунад.

**Сарчашмаи маълумот** ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди расмӣ аз сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатҳои Маҷлиси Олӣ, корҳои илмӣ, маҷмуаи статистикии Агентии омор, Вазорати фарҳанг ва Вазорати нақлиёт, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии муаллиф мебошанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот,** ки ин барои таъмини дурустӣ ва репрезентативии он аз ҷиҳати усулӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, ҳам маҷмуаи расмӣ ва ғайрирасмии оморӣ, бюллетенҳои Агентии омор ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва ҳам маълумоти ҳисоботи солонаи вилоятҳо, ноҳияҳо ва корхонаҳои ҷудогонаи сайёҳӣ хизмат кардаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборатанд, ки:**

1. Таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст модели омехтаи рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо такя ба принсипҳои рушди устувор робитаи байни равишҳои назариявию методӣ ва таҳлили ҳолати муосири соҳаҳоро таъмин намуда, ҳамзамон хусусиятҳои минтақавӣ, иқтидори табиию захиравии ҳудуд ва вижагиҳои муҳити ташаккулёфтаи институтсионалиро ба инобат мегирад.

2. Муайян ва низомнок карда шудаанд тамоюлҳои асосӣ, қонуниятҳо ва хусусиятҳои хоси рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин ташхиси комплексии SWOT-и соҳа гузаронида шудааст, ки имкон дод ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи он, имкониятҳои эҳтимолӣ ва таҳдидҳои беруна муайян карда

шаванд. Дар асоси ин омилҳои рақобатпазирӣ дақиқ гардида, самтҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи рушди минбаъдаи стратегии соҳа ташаккул дода шуданд.

3. Асоснок ва пешниҳод карда шудааст маҷмӯи механизмҳо ва воситаҳои давлатии рушди сайёҳии экологӣ, ки ҳамоҳангсозии чораҳои иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ ва меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намуда, инчунин равишҳои такмилёфтаи арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва иқтидори табиию захиравии субъектҳои ин соҳаҳоро дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки заминаи нисбатан боэътимоди таҳлилӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ, танзими соҳа ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи устувори он ташаккул дода шавад.

4. Дар асоси усулҳои муосири идоракунии стратегӣ маҷмӯи тавсияҳои амалӣ таҳия карда шудааст, ки ба ташаккули модели устувори рушди сайёҳии экологӣ равона гардида, на танҳо баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории ин соҳа ва васеъ намудани ҷараёнҳои дохилӣ ва хориҷии сайёҳиро пешбинӣ мекунад, балки барои истифодаи самаранoктар, оқилона ва дарозмуддати иқтидори табиӣ, рекреатсионӣ ва фарҳангию таърихии кишвар шароит фароҳам меорад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар таҳқиқот модели комсептуалии сайёҳии экологӣ пешниҳод шудааст, ки ба принсипҳои рушди устувор равона буда, консепсияҳои калидии назариявиро бо тавсифи вазъи муосири соҳа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, иқтидори захираҳои табиӣ ва муҳити институтсионалӣ муттаҳид месозад.

2. Дар ҷараёни таҳқиқот тамоюлҳо ва хусусиятҳои асосии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон дар шароити имрӯз муайян гардида, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои он мушаххас карда шуданд, ки ин дар маҷмуъ имкон медиҳад баррасии нисбатан пурраи дурнамои рушди соҳа дар оянда ба даст оварда шавад.

3. Маҷмуи механизмҳо ва таҳлилҳои давлатии рушди сайёҳии экологӣ, ки бо таҳқиқоти илмӣ дастгирӣ мешавад, таҳия

гардид. Ба он чораҳои иқтисодӣ, ташкиливу сохторӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ, инчунин равишҳои самараноктари арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва иқтидори захираҳои табиии корхонаҳои сайёҳии экологӣ шомиланд.

4. Тавсияҳои амалӣ, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳия гардида, ба усулҳои муосири идоракунии стратегӣ асос ёфтаанд, ба татбиқ ва истифодаи самараноки модели рушди сайёҳии экологӣ, ки дар диссертатсия таҳия шудааст, равона гардида, ба баланд бардоштани ҷолибияти он барои сармоягузорон, густариши ҷараёнҳои сайёҳӣ ва истифодаи оқилонаю дарозмуддати иқтидори табиӣ ва фарҳангии кишвар мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки он ба амиқ гардонидани назарияи сайёҳии экологӣ, бахусус барои кишварҳои рушдёбанда ва минтақаҳои кӯҳӣ, мусоидат менамояд. Модели сайёҳии экологӣ, ки дар диссертатсия бо такя ба равиши низомӣ таҳия шудааст, фаҳмиши моҳиятии онро ҳамчун низоми ягона, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро ҳамгиро месозад. Дақиқтар аниқ мекунад ва бар ин асос принсипҳо ва нишондиҳандаҳои калидии рушди онро ташаккул медиҳад, ки хусусияти фаъолияти соҳаро дар шароити гузариш ба модели устувори рушд инъикос менамоянд.

Саҳми ин кор дар асоснок кардани модели ҳаммувозинати сайёҳӣ экологӣ ифода меёбад, ки ҳамзамон талаботи самаранокии иқтисодӣ, масъулияти экологӣ ва устувории иҷтимоиро ба инобат мегирад, дар густариши усулҳои методологӣ барои омӯзиши мураккабу ҳамаҷонибаи он дар Тоҷикистон, инчунин дар таъкид намудани нақши омилҳои институционалӣ, зарурати пояи самараноки ҳуқуқӣ ва механизмҳои давлатии танзим, ки ин ҳама ба рушди назарияи сайёҳии минтақавӣ, мутобиқсозии консепсияҳои мавҷуда ба шароити маҳаллӣ ва ташаккули дарки низомманду байнисоҳавии масъалаҳои сайёҳии экологӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти** анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд ҳангоми таҳия ва амалӣ намудани маҷмуи чораҳо оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ

ва институтсионалии рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, боло бурдани рақобатпазирии он дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, таъмини устувории экологии фаъолияти сайёҳӣ ва истифодаи оқилонаи потенсиали захираҳои табиӣ ба кор бурда шаванд, ки ин, дар навбати худ, ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мувофиқи кишвар мусоидат намояед.

**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот,** чунон ки ба назар мерасад, пеш аз ҳама бо истифодаи равиши низомӣ таъмин карда шавад ва дар чорчӯбаи он сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон ҳамчун низоми ба ҳам пайваста ва бисёркомпонентӣ баррасӣ гардида, бо таҳлили мукаммалу ҳаматарафаю татбиқи усулҳои оморӣ, фарогири баргузории мусоҳибаҳо, гурӯҳҳои фокусӣ, ҳамчунин пурсишҳои анкетавӣ бошад. Илова бар ин, бо ҷалби баҳогузориҳои коршиносӣ, истифодаи манбаъҳои дуюмдараҷаи санҷидашудаи иттилоот, инчунин санҷиши пешакии методикаҳо ва усулҳои пурсишии истифодашаванда эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳоро тасдиқ мекунад, ки ин, дар ниҳоят, эътибornокӣ ва дақиқии баланди натиҷаҳои эмпирикии бадастомадаро таъмин менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерин аз Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мутобиқат мекунанд: 3. Хусусиятҳои рушди иқтисодии соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ; 6. Муҳити иқтисодии фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ дар марҳилаи муосир. Асосҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои фаъолияти ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ; 9. Вазъи кунунӣ ва пешгӯии тамоюлҳои асосии рушди бозорҳои дохилӣ ва байналмилалии сайёҳӣ; 10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти ширкатҳо, ташкилот ва маҷмааҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия. Нисбати фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва маҷмааҳои соҳаи сайёҳӣ; 21. Хусусиятҳо ва механизмҳои фаъолияти бозори сайёҳӣ. Таъмини рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ дар бозор.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот ва мавзуи

таҳқиқот, инчунин дар гузоштани масъалаҳои актуалӣ ифода меёбад. Довталаб мустақилона маҷмуи усулҳои таҳқиқотиро таҳия ва асоснок намудааст, усулҳои мавҷудаи арзёбии иқтисодиро ва воситаҳои таҳқиқотиро ба шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидааст. Аз ҷониби довталаб ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти эмпирӣ, мусоҳибаҳои экспертӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва инчунин коркарди маълумоти оморӣ анҷом дода шудааст. Таҳлили адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрӣ шахсан иҷро гардида, дар асоси он муқаррароти нави назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ таҳия шудаанд. Матни диссертатсия пурра сохторбандӣ ва мустақилона аз ҷониби довталаб навишта шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар давраи солҳои 2022–2025 дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, дар ҷаласаҳои кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима гардидаанд, ки ин ба арзёбии коршиносона ва такмили минбаъдаи онҳо мусоидат намуд. Натиҷаҳои кор дар раванди таълим аз рӯи фанни ташкили сайёҳии экологӣ дар кафедраи мазкур истифода шудаанд, ки ин имкон дод, муҳтавои соҳа ғанӣ гардонида шуда, сатҳи тайёр кардани мутахассисони ба истеҳсолот равонагардида баланд бардошта шавад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 12 мақола бо ҳаҷми умумии 5,44 ҷузъи чопӣ баён гардидааст, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 2 мақола – дар маҷаллаи тавсияшудаи КОА-и Федератсияи Русия нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 174 номгӯро дар бар мегирад, иборат мебошад. Таҳқиқот 22 ҷадвал, 7 диаграмма, 10 расмро дар бар гирифта, маҷмуан мазмуни он дар 190 саҳифаи матни компютерӣ баён шудааст.

# ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар «**Муқаддима**» зикр мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши мусбати шумораи сайёҳон ба мушоҳида мерасад, аммо иқтидори сайёҳии кишвар дар сатҳи давлатӣ ҳанӯз наметавонад пурра амалишуда ҳисобида шавад. Фаъолияти сайёҳӣ ба таври умумӣ ба муҳити зисти кишвар зарар мерасонад ва бинобар ин метавонад дар оянда ба аз байн рафтани мероси фарҳангӣ оварда расонад. Аз ин ҷиҳат, машғул шудан маҳз ба сайёҳии экологии устувор, на ба сайёҳии «вазъиятӣ», аҳаммияти махсус дорад. Ғайр аз ҷолибияти хоси минтақаҳо барои рушди ин падида, кӯҳҳои Помир ва Фон, кӯли Искандаркӯл ва дигар объектҳо дорои арзиши ниҳоят баланди фарҳангию таърихӣ мебошанд. Аммо сарфи назар аз ин омил, назоратнопазир будани иҷрои баъзе тадбирҳои иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани самаранокӣ, нокифоя андешида шудани усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, инчунин ҷудогонагӣ дар қарорҳои алоҳидаи идоракунӣ, ки дар соҳаи сайёҳии экологӣ истифода мешаванд, имкон намедиҳад сатҳи зарурии сармоягузорӣ ба ин соҳа ҷалб карда шавад. Дар ҳоле ки рушди маҳз «устувор» таъмин намудани нисбатан босубот ва қариб баробарқимати молиявию сармоягузориро ба тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, омода намудани кадрҳои тахассусии мувофиқ, нигоҳдории сатҳи муносиб ва бунёди инфрасохтори нав дар назар дорад. Бо ҳамин асос, ҳадафи таҳқиқот таҳияи стратегияҳои босифат ва самаранок равонашуда ба ҳифзи табиат, ҳамзамон баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодӣ барои ҷомеаҳои маҳаллӣ муайян гардид.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявӣ ва методии сайёҳии экологӣ дар шароити муосир»**ном дошта, аз як тараф, мафҳумҳои калидӣ, моделҳои бунёдии назариявӣ ва равишҳои консептуалии ташаккули сайёҳии экологӣ ҳамчун самти мустақил, ки аз ҷиҳати институтсионалӣ расман ташаккулёфтаи фаъолияти сайёҳӣ мебошад, муфассалу ҳамаҷониба баррасӣ гардида, аз тарафи дигар, дар асоси таҳлили васеъ нақши бисёрҷанбаи он дар рушди иқтисодии кишвар, аз ҷумла дар заминаи ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, ҳамчунин

фаъол гардонидани раванди сармоягузорӣ дар бахшҳои дахлдори иқтисод, ошкор карда мешавад.

Дар зербоби «**Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули сайёҳии экологӣ дар иқтисодиёти муосир**» муҳимтарин тезисҳо ва далелҳое, ки ба ташаккули ҳамаҷониба ва дарки нақши сайёҳии экологӣ дар низоми муносибатҳои бозории асри XXI мусоидат менамоянд, марҳила ба марҳила баррасӣ карда мешаванд. «Соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатӣ оид ба идоракунии ин соҳа аз муҳимтарин афзалиятҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд» [4]. Ҳамзамон, сабабҳои аслӣ ва самтҳои ҳамгироии сайёҳии экологӣ ба низоми иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқтар асоснок карда шуданд, ки аз ин натиҷа бармеояд: «сайёҳӣ» на танҳо як соҳа, балки «поя»-и рушди устувори минтақа маҳсуб меёбад. Ба ҳолати соли 2026 метавон қайд намуд, ки сайёҳии экологӣ тадриҷан ба омили пешбарандаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфта, ҷолибияти сармоягузориро (ҳамзамон бо ин – муҳити сармоягузорӣ) дар сатҳи минтақавӣ баланд мебардорад, ки ин ба аҳаммияти махсуси он барои давлат ишора менамояд.

«Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, майдони мафҳумии туризми экологӣ муддати дароз баҳсталаб ва ба қадри кофӣ низомнок набуд. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки «дар замони ҳозира дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ истилоҳҳо ва таърифҳои зиёди ин навъи фаъолияти ба ҳифзи муҳити зист нигаронидашуда вуҷуд доранд», ва дар миёни номгузориҳои истифодашаванда чунин истилоҳҳо, аз қабили «аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашуда», «аз ҷиҳати экологӣ масъул», «устувор», «сабз» ва «нарм» туризм дучор меоянд. Чунин гуногунии мафҳумҳо тасдиқ менамояд, ки равиши ягона ба муайян намудани экотуризм тадриҷан ташаккул ёфта, на дарҳол дар адабиёти илмӣ ҷойгоҳи устувор пайдо кардааст» [12].

Дар ин зербоб шарҳи умумии корҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва дохилӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ оварда шудааст. Аз ҷумла, миёни мутахассисони маъруфи хориҷӣ Г. Себальос-Ласкурьян, К. Линдберг ва Д. Хокинг қайд мегарданд, ки асосҳои назариявии муосири сайёҳии экологӣ-ро ҳамчун усули рушди устувори минтақаҳо гузоштаанд. Саҳми хоссаи олимони ватании соҳаи сайёҳӣ – У. С. Асрорзода, Ф. Р. Шаропов, М. И. Қодирова, Х. У. Умаров, Х. М. Муҳаббатов, Ҷ. Н. Ёров – таъкид мешавад, ки таҳқиқоти онҳо асоси ташаккули равишҳои методӣ барои арзёбии саҳми сайёҳии экологӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон гардидаанд.

Дар ин замина, чунон ки махсусан муҳим ба назар мерасад, бояд таъкид кард, ки ба аҳаммияти таъсири мултипликативии сайёҳии экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро рушди ин соҳа, ки ба иқтисодиёти маҳаллӣ ва миллӣ ба таври зич ҳамгиро гардидааст, на танҳо ба пайдошавии ҷойҳои нави корӣ ва мутаносибан ба густариши сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд, балки ҳамзамон рушди соҳибкории хурдро фаъол гардонда, ба болоравии даромади ҷомеаҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад ва илова бар ин, раванди ташаккулу тақвияти соҳаҳои ҳамрадиф – аз қабили нақлиёт, кишоварзӣ, ҳунарҳои анъанавӣ, меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳоро низ фаъол месозад.

Рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи дарки назариявӣ ва татбиқи амалӣ бояд ба ҳамоҳангсозии табиии афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист такя намояд, зеро маҳз чунин тавозун заминаи таҳияи қарорҳои устувори идоракуниро фароҳам меорад, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа, таҳкими иқтидори институтсионалии он ва таъмини динамикаи дарозмуддати рушд равона гардидаанд. Дар чунин шароит истифодаи захираҳои сайёҳӣ набояд ба камшавӣ ё фарсудашавии онҳо оварда расонад, балки бояд ба ҳифзи мероси табиӣ ва фарҳангӣ мусоидат намояд. Дар ин робита равиши низомнок ба идоракунии минтақаҳои сайёҳӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки он ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши соҳибкорӣ ва ҷомеаҳои маҳаллиро пешбинӣ намуда, инчунин ташаккули чунин механизмҳои ҳамкориро таъмин менамояд, ки имкон медиҳанд

ҳадафҳои стратегии рушди устувор, хусусиятҳои минтақавӣ ва ниёзҳои аҳолӣ ба инобат гирифта шаванд.

**Ҷадвали 1. – Хусусиятҳои хоси сайёҳии экологӣ**

| **Категория** | **Тавсиф** |
|---|---|
| Категорияи синнусолӣ | Калонсолон (30–50 сола) сайёҳии экологии ташакулёфта ва бароҳатро бо унсурҳои барномаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ авлотар мешуморанд |
| Сатҳи таҳсилот | Аксари иштирокчиён ҳадди ақал таҳсилоти миёнаи махсус ё таҳсилоти олиро доранд |
| Шакли саёҳат | Бартарият бештар ба саёҳатҳои дунафара таваҷҷуҳ доранд (60% сайёҳон) |
| Ҷолибият ва нотакрорӣ | Сайёҳии экологӣ сайёҳонро ба шарофати имконияти омӯзиши объектҳои нодири табиӣ ҷалб мекунад |
| Сифати роҳбаладон | Тахассус (квалификатсия)-и баланди роҳбаладон ва ҳамроҳони соҳибтаҷриба амнияти сайёҳонро таъмин мекунад |
| Навъҳои фаъолият | Сайру гашти пиёда ва бо асп, сайёҳати варзишӣ, боздид аз мамнуъгоҳҳои табиӣ ва дигар намудҳои фароғати фаъолро дар бар мегирад. |
| Таъсири экологӣ | Кам кардани таъсир ба табиат ва таъмини истифодаи устувори захираҳо |
| Ҳисса дар рушди маҳаллӣ | Дастгирии рушди иқтисодии маҳаллӣ тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ ва сармоягузорӣ ба инфрасохтор |
| Ҷанбаи маърифатӣ | Ба баланд бардоштани огоҳӣ ва маърифати экологӣ миёни сайёҳон мусоидат мекунад |
| Таъсири иҷтимоӣ | Ҳисса дар беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ тавассути ҳамкории иқтисодӣ ва мубодилаи фарҳангӣ |

**Манбаъ:** Муаллиф бо такя ба манбаи нишондодашуда таҳия кардааст [8]

Дар зербоби «**Афзалиятҳои иқтисодӣ ва экологии сайёҳии экологӣ**» афзоиши нақши сайёҳӣ дар иқтисоди муосир баррасӣ мегардад, ки он аз рӯйи аҳамияти худ пас аз бахши нафту газ ва саноати мудофиа ҷойи сеюмро ишғол намуда, дар навбати худ ба зиёд шудани даромади аҳолӣ, васеъ гардидани имкониятҳои шуғл ва тадриҷан навсозӣ шудани инфрасохтор, махсусан дар минтақаҳои деҳотӣ ва кӯҳӣ, ки дорои иқтидори баланди табиию рекреатсионӣ мебошанд, мусоидат кардааст.

«Сайёҳӣ экологӣ навъи туризме мебошад, ки ба муҳити зист дар фаҳмиши васеи он аз ҳама бештар наздик аст. Ин ҳолат дар робитаҳои зичтари он бо бисёр соҳаҳое зоҳир мегардад, ки барои рушди устувори ҳудудҳои алоҳида ва низоми ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ аҳамияти муҳим доранд. Консепсияи рушди устувор дар шароити буҳрони муосири экологӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Аз миёни ҳамаи намудҳои фаъолияти сайёҳӣ маҳз туризми экологӣ ба консепсияи рушди устувори туризм бештар мутобиқат менамояд» [10].

Дар ин зербоб нақши сайёҳӣ ҳамчун бахши мустақили иқтисод ба таври муфассал таҳлил гардида, саҳми он дар мусоидат намудани ташаккули гардиши мутавозини асъор нишон дода шудааст. Самараи иқтисодӣ на танҳо дар даромади мустақим аз фаъолияти сайёҳӣ, балки дар таъсири мултипликативие, ки ба соҳаҳои марбут – нақлиёт, кишоварзӣ, истеҳсоли тухфаҳои хотиравӣ, меҳмонхона ва соҳаи тарабхонадорӣ таъсири мусбат мерасонад, зоҳир мегардад.

Дар ҷараёни таҳқиқот маълум гардид, ки далелҳои назариявӣ бо маълумоти амалӣ тақвият дода шаванд, аз ҷумла бо омори расмӣ ва нишондиҳандаҳои рушди падидаҳо дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст, ки ин имкон медиҳад дар бораи нақши он дар иқтисоди миллии кишвар тасаввуроти объективӣ ва асоснок ташаккул ёбад. Масалан, тибқи маълумоти охирини Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳаи сайёҳии дохилӣ дар давраи охир зиёда аз чиҳил ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин мебошанд, ки тақрибан ду фоизи шумораи умумии қувваи қобили меҳнати кишварро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар панҷ соли охир дар натиҷаи густариши фаъолияти сайёҳӣ ва татбиқи барномаҳои махсуси давлатӣ беш аз панҷ ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шудааст, ки ин аз динамикаи мусбати нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии соҳа, махсусан, дар минтақаҳои кӯҳистон ва деҳот шаҳодат медиҳад. Қисми даромаднокии сайёҳӣ ба ҳолати соли 2023 тақрибан 314 миллион доллари ИМА даромад ба бор овард, ки нисбат ба соли 2022 ба андозаи 25,6 фоиз зиёд мебошад. Аз тезисҳои зикршуда чунин хулоса бармеояд, ки дастгирии давлатии дорои усулҳои

ҳадафманд тавонист имиҷи давлатро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшад ва ҳамзамон ба афзоиши ҷараёнҳои сайёҳӣ мусоидат намояд.

**Ҷадвали 2. – Афзалиятҳои иқтисодии сайёҳии экологӣ**

| Афзалият | Тавсиф |
|---|---|
| Дастгирӣ ва рушди маҳалҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ (МММТ) | Ҷамъоварии пардохтҳои сайёҳӣ ва савдо дар боғҳои миллӣ ва мамнуъгоҳҳои табиӣ ба ҳифзи гуногунии биологӣ, беҳтарсозии инфрасохтор ва идоракунии захираҳои табиӣ мусоидат мекунад |
| Бозгашт ба маҳалҳои аҳолинишини деҳот | Сайёҳии экологӣ ҷойҳои корӣ эҷод мекунад, ба рушди минтақаҳои деҳот мусоидат намуда, раванди муҳоҷирати аҳолиро ба шаҳрҳо коҳиш медиҳад. Ба ин сафарбарии аҳолӣ ба соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ дохил мешавад |
| Баланд бардоштани устувории иқтисодии минтақаҳо | Воридоти даромад ба буҷетҳои минтақавӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ ва рушди соҳибкории хурд. Сайёҳии экологӣ рушди бозорҳои маҳаллӣ, ҳунармандӣ ва соҳаи хизматрасониро тақвият медиҳад |
| Коҳиш додани хароҷот барои рафъи оқибатҳои таъсири антропогенӣ | Сайёҳии экологӣ ифлосшавии муҳити зистро кам карда, истифодаи устувори захираҳои табииро таъмин менамояд, аз ҷумла кам кардани эрозияи хок, ҳифзи захираҳои обӣ ва паст кардани партови гази карбон мусоидат мекунад |
| Тақвият бахшидан ба соҳаҳои ҳамрадифи иқтисодӣ | Афзоиши талабот рушди чунин соҳаҳоро, мисли саноати хӯрокворӣ ва истеҳсоли либос, тақвият мебахшад. Сайёҳон маҳсулоти маҳаллиро истифода карда, тухфаҳо мехаранд ва ба рушди истеҳсолот ва савдо мусоидат мекунанд. Илова бар ин, талабот ба хизматрасониҳои нақлиёт, меҳмонхона ва тарабхонаҳо низ меафзояд. |

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда таҳия кардааст [9]

Дар зербоби мазкур ҷадвалҳо ҷой дода шуда, ҳамзамон бартариҳои муҳимми иқтисодии сайёҳии экологӣ дар шакли таҳлили муқоисавӣ инъикос мегарданд, ки ба онҳо, аз ҷумла, инҳо дохил мешаванд: дастгирӣ ва тавсифи минтақаҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ бо истифодаи маблағҳои аз фаъолияти сайёҳӣ ба дастомада; фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани сатҳи муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои деҳот; тақвият бахшидани устувории иқтисодии минтақаҳо тавассути зиёд шудани даромади буҷети маҳаллӣ; паст кардани хароҷот

барои бартарафсозии оқибатҳои таъсири антропогенӣ ба муҳити зист бо шарти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ; инчунин ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои ҳамбастаи иқтисодӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва соҳаи гуногуни хизматрасонӣ.

Қисми муҳимми таҳлилро баррасии хатари эҳтимолӣ ва оқибатҳои манфии сайёҳӣ ташкил медиҳад – ифлосшавии муҳити зист, камшавии захираҳои табиӣ, таҳдид ба олами ваҳшӣ, инчунин тағйироти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Таъкид мегардад, ки маҳз сайёҳии экологӣ метавонад ин хатарҳоро тавассути ҷорӣ намудани қоидаҳои рушди устувор, таълими экологии аҳолӣ, ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ташаккули муносибати масъулона ба табиат кам намуда, ба ҳадди ақал расонад.

Дар ҷамъбасти ин зербоб таъкид мегардад, ки рушди сайёҳии экологӣ на танҳо фишанги афзоиши иқтисодӣ мебошад, балки усулҳои стратегии рушди устувори кишвар низ ба шумор рафта, мувозинат миёни манфиатҳои иқтисод, ҷомеа ва муҳити зистро таъмин менамояд, ҳамзамон ба ҳифзи мероси нодири табиӣ ва фарҳангӣ барои наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Дар зербоби «**Нақши давлат дар ҳавасмандгардонии рушди сайёҳии экологӣ дар шароити муосир**», диққати асосӣ ба он равона карда шудааст, ки густариш ва рушди аз ҳад шадиди сайёҳӣ дар саросари ҷаҳон маҳз тавассути танзим ва тадбирҳои сиёсати давлатӣ ба амал меояд ва онҳо ҳамчун омилҳои муҳимтарин ва арзишманд дар баланд бардоштани рақобатпазирии сайёҳӣ дар доираи як давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маънои мушаххас) баромад мекунанд. Дар амалияи ҷаҳонӣ сайёҳӣ аз рӯи ҳаҷми даромадҳои ташаккулёфта дар сегонаи пешсаф қарор дорад (муқоиса асосан бо кишварҳои пешрафта анҷом дода мешавад), дар ҳоле ки ду ҷойи аввалро маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ ва бахши мудофиавию саноатӣ ишғол менамоянд. Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, рушди соҳаи мавриди таҳлил барои он аҳаммияти махсус дорад, ки он пеш аз ҳама дар рушди бахши нақлиётӣ-алоқавӣ, сохтмон ва соҳибкории меҳмонхонагӣ, кишоварзӣ, инчунин бахши истеҳсолӣ дар сатҳи миллӣ ифода меёбад.

Дар зербоб заминаи ҳуқуқии муосири рушди сайёҳӣ дар кишвар ба таври муфассал баррасӣ мешавад. Таваҷҷуҳи махсус ба қонунҳо, барномаҳо ва қарорҳои амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва Қарори Ҳукумат таҳти №200, ки тартиби пардохт барои боздид аз минтақаҳои махсус муҳофизатшавандаро танзим мекунад, дода мешавад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии соҳаро фароҳам оварда, танзими давлатии соҳа ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, муҳофизати муҳити зист ва рушди ҳамкории байналмилалӣ равона шудааст. Таъкид мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон қонуни махсус оид ба сайёҳии экологӣ вуҷуд надорад. Ассотсиатсияи миллии сайёҳии экологӣ таъсис наёфтааст ва раванди рақамисозӣ ва рушди инфрасохтор ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Бо вуҷуди ин, дар сатҳи маҳаллӣ (масалан, дар Помир) як қатор ташаббусҳои ҷудогона амалӣ мешаванд, низоми дастрасии пулакӣ ба ҳудудҳои табиӣ ҷорӣ карда шудааст ва рушди сайёҳии экологӣ тавассути грантҳои алоҳида дастгирӣ меёбад.

Танзими давлатии сайёҳии экологӣ тавассути таҳия ва қабули қонунҳои нав ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ набояд танҳо бо дастгирии ҳуқуқӣ маҳдуд гардад. Дар баробари ин, зарур аст, ки корҳои нақшавӣ оид ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, сохтмони роҳҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ амалӣ карда шаванд. Ҳамчунин гузаронидани чорабиниҳои мақсаднок ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти сайёҳии экологӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва ватанӣ, махсусан дар самти ободонии ҷойҳои қабул ва хизматрасонии сайёҳон, аҳамияти муҳим дорад.

Дар боби дуюми таҳқиқоти мазкур, ки ба таҳлили **ҳолати муосири сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** бахшида шудааст, тавсифи муфассали вазъи ин соҳа оварда шуда, тамоюлҳои рушди сайёҳии экологӣ, хусусиятҳои он, инчунин равандҳои амалие, ки дар дохили соҳа ба амал меоянд, баррасӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, динамикаи ташрифи сайёҳон, махсусан шаҳрвандони хориҷӣ, мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Таҳлили тағйирёбии ҷараёни сайёҳӣ дар асоси маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Дар рушди ин соҳа қабули қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташаккули сиёсати давлатии соҳаи сайёҳӣ низ нақши муҳим доранд.

Дар бахши «**Таҳлили ҳолати ҷории иқтисоди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон**» вазъи шароити табиию иқлимӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, ҳамзамон омилҳои инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла ҳолати мавзеъҳои ташрифи сайёҳон, таҳлил карда мешаванд. Ба иқтидори инфрасохтории ҷумҳурӣ метавон минтақаҳои кӯҳии дорои табиати ҳифзшуда дар ҳолати табиии худ, инчунин ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро мансуб донист. Бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ зарур аст, ки имкониятҳои муосир, аз ҷумла ҷорӣ намудани низомҳои электронии бронкунӣ, платформаҳои онлайн барои бақайдгирии объектҳои сайёҳӣ, раводидҳои электронӣ ва системаҳои муосири иттилоотрасонӣ ба сайёҳон, ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани шаффофият, сода намудани расмиёти маъмурӣ ва зиёд кардани дастрасии хизматрасониҳои сайёҳӣ равона шудаанд.

«Дар чунин шароит, тадбирҳои асосии беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ ва ба сатҳи муосир баровардани фаъолияти он, бешубҳа, инҳо ба ҳисоб мераванд:

– якум, ҷорӣ намудан ва пайгирона амалӣ сохтани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, ки ба ҳавасмандгардонии рушди объектҳои инфрасохторӣ равона шудаанд;

– дуюм, ҷалби фаъоли сармояи молиявии хориҷӣ барои ташкили инфрасохтори назди роҳ ва нақлиётию логистикӣ, рушди объектҳои сайёҳӣ, инчунин дастгирӣ ва навсозии ҳунарҳои анъанавӣ ва соҳибкорӣ дар деҳот ва минтақаҳои дурдаст;

– илова бар ин, навсозии объектҳои қабули сайёҳон, аз ҷумла фурудгоҳҳо, гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳо, аҳамияти ниҳоят муҳим дорад;

– ҳамзамон, рушди маҷмӯии меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осорхонаҳо, китобхонаҳо, театрҳо ва кинотеатрҳо дар пайванди

органикӣ бо унсурҳои анъанаҳои миллӣ зарур мебошад, ки дар ниҳоят симои ҷолиб ва худшиносонаи сайёҳии кишварро ташаккул медиҳад» [4].

Дар сиёсати давлатӣ нисбати ин соҳа на танҳо навсозии инфрасохтор ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ, балки ҳамзамон рушди самтҳои махсусгардонидашуда – аз қабили сайёҳии экологӣ, сайёҳии аграрӣ ва сайёҳии этнокултурӣ дар назар гирифта шудааст. Асоси танзими ҳуқуқиро чунин санадҳо ташкил медиҳанд, чун Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист». Равиши маҷмуӣ ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, тиҷорат ва ҷомеа мусоидат намуда, бо таваҷҷуҳи махсус ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ амалӣ мегардад.

Дар зербоб таҳлили нишондиҳандаҳои ҷории рушди сайёҳии экологӣ монанди: ҳаҷми сармоягузорӣ, даромадҳои соҳа, сатҳи шуғл, рушди инфрасохтор, вазъияти шабакаи нақлиётӣ ва меҳмонхонаҳо, инчунин сатҳи амният ва маърифати экологӣ пешниҳод шудааст.




*Диаграммаи 1. – Шумораи сайёҳони хориҷии воридшуда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018–2024). Сарчашма: дар асоси маълумоти кушода сохта шудааст [17]*

Ҳамчунин, дар диссертатсия диаграммаҳое оварда шудаанд, ки афзоиши шумораи сайёҳон, ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, инчунин ҳаҷми пардохтҳо, фарогирии алоқаи мобилӣ ва рушди шабакаи роҳҳоро инъикос мекунанд.

Барои баҳодиҳии системавии вазъи соҳа таҳлили SWOT гузаронида шудааст, ки дар он тарафҳои қавӣ (манзараҳои нотакрори табиӣ, гуногунрангии биологӣ, фоизи баланди истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, мероси ғании фарҳангӣ), имкониятҳо (ҷалби сармоягузорӣ, ҳамгирои ба барномаҳои байналмилалии экологӣ, рушди маркетинг), инчунин таҳдидҳо (хатарҳои аз ҳад зиёд истифода шудани системаҳои экологӣ, хатарҳои иқлимӣ ва зилзилавӣ, дастнорасии нокифояи нақлиётӣ) муайян карда шудаанд.

Дар зербоби «**Ҷанбаҳои иқтисодии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон: арзёбии имкониятҳо**», пеш аз ҳама таҳлили омилҳои асосии иқтисодӣ ва дурнамои дарозмуддати рушди сайёҳии экологӣ дар кишвар анҷом дода мешавад, ки дар доираи он соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои пешбаранда ва афзалиятнок, мусоидаткунанда ба рушди иқтисодӣ ва омилҳои бо он вобаста, арзёбӣ мегардад. Диққати асосӣ ба се гурӯҳи захираҳое равона шудааст, ки барои ташаккул ва рушди сайёҳии экологии устувор заруранд: а) захираҳои инсонӣ, б) захираҳои моддӣ-техникӣ, в) захираҳои молиявӣ. Ба гурӯҳи якум қувваи кории дорои омодагии махсус ва таҳсилоти зарурӣ барои фаъолият дар соҳаи хизматрасонӣ шомил гардида, ба гурӯҳи дуюм инфрасохтори нақлиётӣ ва сайёҳӣ дохил мешаванд, дар ҳоле ки ба гурӯҳи сеюм намудҳои гуногуни сармоягузорӣ, субсидияҳои давлатӣ ва даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ мансубанд.

**Ҷадвали 3. – Сохтори маҷмааи санаторию курортии Тоҷикистон тибқи тақсимот ба минтақаҳо**

| Минтақа | Шумораи иншооти санаторӣ-курортӣ | Иқтидори ҷойҳо (койко-мест) |
|---|---|---|
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 42 | 3507 |
| Вилояти Хатлон | 9 | 207 |
| Вилояти Суғд | 7 | 1850 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 4 | 160 |
| Ҳамагӣ | 62 | 5724 |

**Манбаъ:** Муаллиф бо такя ба манбаи нишондодашуда таҳия кардаст [7]

Ба барномаҳои дастгирии давлатӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои бонки осиёии рушд, ҳамкорӣ бо ЮНВТО ва ҷорӣ намудани системаи ҳисоби сайёҳии моҳворавӣ (спутниковый) барои баҳогузории саҳми соҳа дар иқтисод таваҷҷуҳи зиёде дода мешавад. Самтҳои асосӣ ва натиҷаҳои пешбинишудаи рушди сайёҳии экологӣ то соли 2030 чунин пешбинӣ мегарданд: такмили инфрасохтор, тақвияти капитали инсонӣ, беҳсозии фазои сармоягузорӣ, густариши ҳузур дар бозорҳои байналмилалӣ, инкишофи шабакаҳои нақлиётӣ ва татбиқи стандартҳои муосири сифат.

«Рушди туризми экологӣ дар Тоҷикистон бо такмили инфрасохтори сайёҳӣ, васеъ намудани шабакаи меҳмонхонаҳо ва дигар объектҳои ҷойгиркунонӣ, таҳияи маҳсулот ва хатсайрҳои нави сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, инчунин омода намудани кадрҳои соҳибихтисос барои соҳа алоқаманд мебошад» [13].

Чорабиниҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд асосе барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бошанд, ки ба Тоҷикистон имкон медиҳад мавқеи устувор дар бозори байналмилалии сайёҳӣ касб намояд ва рақобатпазирии дарозмуддати сайёҳӣ экологии миллиро таъмин намояд.

Зербоби «**Афзалиятҳои рақобатпазир ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон**» - таҳлили маҷмуии ҷанбаҳои қавитарин, иқтидор ва самтҳои умедбахши рушди сайёҳии экологиро дар миқёси давлат дар бар мегирад. Таъкид мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои маҷмуи нодири табиӣ мебошад. Монанди (аммо маҳдуд нашуда): минтақаҳои баландкӯҳ, марғзорҳои алпӣ, шумораи зиёди дарёҳо ва кӯлҳо ва ғайра. Ин ҳолат аз мавҷудияти имкониятҳои мусоид барои рушди босуботи сайёҳии экологӣ ва густариши ин самт шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, мероси ғании фарҳангӣ-таърихӣ (иншоот, ёдгориҳо ва ғайра), инчунин вижагиҳои тарзи зиндагии халқиятҳо симои ҷолиби сайёҳиро ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ташаккул медиҳад.

Дар ин зербоб аҳамияти махсуси сайёҳии экологӣ ҳамчун яке аз самтҳои стратегӣ таъкид мегардад, ки метавонад мавқеи рақобатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ тавассути истифодаи самараноктари иқтидори табиию рекреатсионӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ташаккули симои ҷолиби кишвар ҳамчун самти ояндадори сайёҳии устувор таҳким бахшад. Ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи раводид дар соли 2024 барои шаҳрвандони 25 давлат ҳамчун тадбири муҳими ташкилию ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, ки ба фаъол гардонидани ҷараёнҳои сайёҳии воридотӣ, баланд бардоштани дастрасии маҳсулоти миллии сайёҳӣ ва васеъ намудани имкониятҳои пешбурди он дар сатҳи байналмилалӣ равона шудааст.

Дар зербоб ҷадвалҳои муқоисавӣ пешниҳод гардидаанд, ки самтҳо ва шаклҳои асосии сайёҳии экологӣ, афзалиятҳои рақобатӣ ва омилҳои рушди соҳаро инъикос менамоянд.

**Ҷадвали 4. – Захираҳои асосии сайёҳӣ ва навъҳои умедбахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон**

| Категория | Тавсиф | Мисолҳо |
|---|---|---|
| Захираҳои табиӣ | Манзараҳои нодири табиӣ, минтақаҳои баландкӯҳ, ҷангалҳо, кӯлҳо ва дарёҳо | Помир, Қаракӯл, Сарез, водии Ҳисор |
| Мероси фарҳангӣ | Ёдгориҳои бостонӣ ва меъморӣ, тарзи ҳаёти анъанавӣ, этнография | Шаҳрҳои қадим, бозорҳо, чойхонаҳо |
| Фауна и флора | Гуногунии флора ва фауна, аз ҷумла намудҳои нодир ва зери хатари нестшавӣ | Архари кӯҳӣ, бабри барфӣ, мурғобии кӯҳии ҳиндӣ |
| Аҳаммияти иқтисодӣ | Сайёҳӣ ҳамчун соҳаи калидии иқтисодиёт, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва эҷоди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад | Содасозии реҷаи раводид, афзоиши шумораи сайёҳон |
| Навъҳои машҳури сайёҳӣ | Сайёҳии кӯҳӣ-варзишӣ, сайёҳии экологӣ, сайёҳии табобативу солимгардонӣ, сайёҳии экстремалӣ | Алпинизм, рафтинг, санаторияҳои Гарм Чашма |
| Дурнамои рушд | Экспедитсияҳои байналмилалӣ, рушди инфрасохтор, ҷалби сайёҳони хориҷӣ | Убур намудани қуллаи Исмоили Сомонӣ, чашмаҳои гарм |

**Манбаъ**: Дар асоси маълумоти расмӣ ва маводи таҳлилӣ таҳия шудааст [20,19]

Таваҷҷуҳи назаррас ба масъалаҳои рушди устувор равона мегардад – ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи низомҳои экологӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои экологӣ, боло бурдани савияи маърифати экологӣ миёни аҳолӣ ва меҳмонони кишвар. Таъкид мегардад, ки ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ аҳаммияти хос дорад: рушди сайёҳии аграрӣ, ҳунармандӣ, ташкил намудани барномаҳои таълимӣ ва пайдошавии ҷойҳои нави корӣ сатҳи зиндагиро боло бурда, иқтисодиёти минтақаҳоро нерӯ бахшида, фаъол мегардонанд.

Рушди муваффақонаи сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон риояи тавозун миёни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро, инчунин истифодаи равиши стратегии маҷмуӣ талаб менамояд. Таъкид мегардад, ки дастгирии давлатӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, табодули таҷриба, рушди маркетинг ва иштирок дар ташаббусҳои ҷаҳонии сайёҳӣ ба баланд бардоштани ҷолибияти Тоҷикистон ҳамчун самти сайёҳии аз ҷиҳати экологӣ масъул мусоидат мекунанд.

Боби сеюм **«Такмил ва баланд бардоштани рақобатпазирии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, дар он самтҳои асосӣ ва чорабиниҳои амалӣ барои рушди сайёҳии экологӣ, инчунин ташаккули стратегияҳои самараноки афзоиши ҷолибияти он ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори байналмилалии сайёҳӣ баррасӣ мешаванд. Дар ин боб равишҳои муосири идоракунии соҳа таҳлил гардида, роҳҳои ҷорӣ намудани инноватсияҳо, такмили инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ бо мақсади таҳкими мавқеи рақобатии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ экологӣ пешниҳод мегарданд.

Зербоби **«Ҳавасмандгардонии давлатии рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон»,** ба таҳлили роҳҳои асосӣ ва самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳа бахшида шудааст Дар кори мазкур диққати асосӣ ба рушди иқтисодии сайёҳии экологӣ ва дастгирии давлатии ин соҳа равона карда шудааст.

Афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, васеъ гардидани шабакаи меҳмонхонаҳо, зиёд шудани ҷараёнҳои сайёҳии воридотӣ, инчунин баланд гардидани ҳаҷми воридот ба буҷети

давлатӣ аз фаъолияти марбут ба сайёҳӣ шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати давлатии амалишаванда ба баланд бардоштани рақобатпазирии сайёҳии экологӣ ва фароҳам овардани шароити нисбатан мусоид барои рушди минбаъдаи он таъсири назарраси мусбат мерасонад. Иҷрои пайдарпайи барномаҳои давлатӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва чораҳои ташкилию иқтисодӣ ба таҳкими ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои сайёҳии дорои самти экологӣ, ташаккули намудҳои нави маҳсулоти сайёҳӣ, истифодаи самараноктари иқтидори табиию рекреатсионии кишвар ва мустаҳкам гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мусоидат менамояд.

Барои инъикоси пурра ва возеҳи динамикаи рушди соҳа дар поён ҷадвали ҳисобӣ пешниҳод гардидааст, ки имкон медиҳад таъсири сайёҳӣ ба иқтисоди миллӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ дар давраи солҳои 2018–2024 арзёбӣ карда шавад.

**Ҷадвали 5 – Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки таъсири сайёҳӣ-ро ба иқтисоди миллии кишвар инъикос медиҳанд**

| Сол | $X_1$ (ширкатҳои сайёҳӣ) | $X_2$ (сайёҳони хориҷӣ, ҳаз. нафар) | Y (пардохтҳо млн. долл.) | $X_3$ (алоқаи мобилӣ, млн. нафар) | $X_4$ (роҳҳо, км) | $X_5$ (меҳмонхонаҳо) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 146 | 1154 | 12,84 | 4,30 | 200,0 | 160 |
| 2019 | 161 | 1319 | 6,42 | 4,80 | 187,3 | 168 |
| 2020 | 224 | 410,1 | 4,92 | 5,0 | 70,0 | 184 |
| 2021 | 232 | 300 | 3,6 | 5,5 | 391,2 | 177 |
| 2022 | 240 | 999,3 | 13,8 | 6,8 | 132,0 | 182 |
| 2023 | 240 | 1256 | 15,072 | 5,6 | 200,0 | 185 |
| 2024 | 224 | 1400 | 16,8 | 8,0 | 155,0 | 190 |

**Манбаъ**: Дар асоси маълумоти расмӣ ва маводи таҳлилӣ таҳия шудааст [17]

Таҳлили маълумоти пешниҳодшуда имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки дар аксари нишондиҳандаҳои асосӣ динамикаи устувори мусбати рушди соҳа ба назар мерасад, зеро дар давраи мавриди баррасӣ афзоиши шумораи ширкатҳои

сайёҳӣ, васеъ гардидани заминаи меҳмонхонаҳо, зиёд шудани шумораи меҳмонони хориҷӣ, инчунин баланд гардидани ҳаҷми воридоти молиявии марбут ба фаъолияти сайёҳӣ мушоҳида мешавад. Дар ин раванд рушди пайдарпайи алоқаи мобилӣ, дастрасии нақлиётӣ ва инфрасохтори ҳамроҳ аҳамияти махсус дорад, зеро маҳз ҳамин омилҳо ба баланд шудани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, беҳтар гардидани шароити будубоши сайёҳон ва васеъ шудани имкониятҳо барои рушди устувори сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Дар зербоби «**Таҳияи механизмҳо ва воситаҳо барои ҳавасмандгардонии рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон**» таҳлили комплексии равишҳои муосир ба ташкили низоми самараноки идоракунӣ, танзим ва дастгирии сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори табиию рекреатсионӣ, таҳкими ҷолибияти сармоягузории соҳа ва таъмини рушди устувори он дар дурнамои дарозмуддат равона шудааст.

Вазифаи асосии боби мазкур аз таҳияи чорабиниҳое иборат аст, ки ба истифодаи ҳарчи самаранок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ судманди иқтидори бойи табиии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ, кӯлҳои нодир ва намояндагони камёби олами ҳайвонот равона шудаанд. Ҳамчунин зарур аст, ки усулҳои қобили қабули истифодаи захираҳои табиӣ барои ҷалб, хизматрасонӣ ва васеъ намудани ҷараёни сайёҳони экологӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда шаванд. Дар ҷаҳони муосир сайёҳии экологӣ бо суръати баланд рушд меёбад, бинобар ин, истифодаи ин тамоюл барои беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ, таъмини шуғли он ва фароҳам овардани шароите, ки ба нигоҳ доштани аҳолӣ дар минтақаҳои деҳот мусоидат менамояд, зарур мебошад.

Дар зербоб мавриди баррасӣ диққати асосӣ ба масъалаҳои ташаккул ва пешбурди маҳсулоти босифати сайёҳӣ, инчунин ҷалби шумораи бештари сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешавад. Ба ҷумлаи ҳадафҳои муҳимтарин баланд бардоштани рақобатпазирии ин бахш аз ҳисоби рушди шаклҳои

нав ваояндадори фаъолияти сайёҳии дорои самти экологӣ дохил мешавад, аз ҷумла сайёҳии аграрӣ, пайроҳаҳои экологӣ, хатсайрҳои фарҳангию маърифатӣ ва дигар намудҳои сафар, ки ба истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва этнографии кишвар асос меёбанд. Ҳамзамон, дастгирии ҳудудҳое, ки дорои иқтидори баланди экологӣ ва рекреатсионӣ мебошанд ва метавонанд ба минтақаҳои такягоҳии рушди устувори минтақавӣ табдил ёбанд, аҳамияти махсус дорад.

Дар зербоби мазкур ба масъалаҳои банақшагирии стратегӣ, дастгирии ташкилӣ ва мониторинги низомноки татбиқи барномаҳои ба рушди сайёҳии экологӣ равонагардида ҷойи муҳим дода мешавад, зеро маҳз пайгирии пайдарпайи натиҷаҳо, ислоҳи саривақтии қарорҳои идоракунӣ ва арзёбии самаранокии чораҳои истифодашаванда имкон медиҳанд, ки устувории ин бахш дар шароити тағйирёбии муҳити беруна таъмин карда шавад.

Дар ин робита, ҳамоҳангсозии равишҳои оптимизатсионӣ ва мутобиқшавӣ пешниҳод мегардад, ки он на танҳо имкони тақсимоти оқилонаи захираҳои мавҷуда, баланд бардоштани натиҷабахшии амалҳои идоракунӣ ва ташаккули модели устувори соҳибкории сайёҳии экологиро фароҳам меорад, балки инчунин имкон медиҳад, ки ба тағйирёбии вазъи бозор, талаботи истеъмолкунандагон, шароити инфрасохторӣ ва талаботи экологӣ бо чандирӣ вокуниш нишон дода шуда, нишондиҳандаҳои мушаххас оид ба зиёд намудани ҷараёни сайёҳон, афзоиши даромаднокӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ба даст оварда шаванд.

Дар зербоби «**Арзёбии дурнамо ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон**» таҳлили ҳамаҷонибаи тамоюлҳои муосир, мушкилоти мавҷуда, имкониятҳои эҳтимолӣ ва самтҳоиояндадори рушди сайёҳии экологӣ пешниҳод гардидааст, ки имкон медиҳад омилҳои муҳимтарине муайян карда шаванд, ки ба самаранокии фаъолияти ин соҳа дар шароити тағйирёбии муҳити иҷтимоию иқтисодӣ ва табиию экологӣ таъсир мерасонанд.

Дар баробари ин, дар зербоб маҷмӯи тавсияҳои амалӣ таҳия гардидааст, ки ба баланд бардоштани устувории сайёҳии экологӣ, таҳкими афзалиятҳои рақобатии он, истифодаи оқилонаи иқтидори табиию рекреатсионии кишвар, васеъ намудани инфрасохтори сайёҳӣ ва такмили механизмҳои идоракунӣ равона шудаанд, ки рушди дарозмуддати ин соҳаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Сайёҳии экологӣ тадриҷан аҳамияти яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо менамояд, зеро он имкон медиҳад, ки густариши фаъолияти сайёҳӣ бо зарурати муносибати эҳтиёткорона ба захираҳои табиӣ, ҳифзи мероси фарҳангию таърихӣ ва таъмини рушди устувори ҳудудҳое, ки дорои иқтидори баланди рекреатсионӣ мебошанд, ҳамоҳанг карда шавад.

Дар ин замина сайёҳии экологӣ на танҳо ҳамчун шакли ояндадори ташкили сафарҳо, балки ҳамчун воситаи муҳими иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши соҳибкорӣ ва ҷомеаҳои маҳаллиро таъмин намуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурд, баланд бардоштани даромади аҳолӣ, дастгирии фарҳанги анъанавӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳо шароит фароҳам меорад.

Дар вақтҳои охир дастовардҳои платформаҳои рақамӣ махсусан васеъ истифода мешаванд. Бо назардошти ин, дар соҳаи сайёҳии экологӣ пешниҳод мегардад, ки хизматрасониҳои рақамӣ барои сайёҳоне, ки ба ҷумҳурӣ ташриф меоранд, фаъолона татбиқ карда шаванд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои Тоҷикистон дар самти сайёҳии экологӣ ба таври васеъ муаррифӣ гардида, ҳамзамон барои сайёҳон шароити муайяни бароҳат фароҳам оварда шавад.

Ғайр аз ин, сатҳи огоҳӣ, робита ва дастрасӣ ба маълумот дар бораи афзалиятҳои муҳими сайёҳии экологӣ беҳтар гардида, шаффофияти сайёҳии хориҷӣ ва дохилӣ тақвият меёбад, ки ин метавонад барои ҷалби сайёҳони экологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии онҳо ва ҳифзи муҳити зист самаранок истифода шавад.

Сайёҳии экологӣ доираи чунин намудҳои сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии аграрӣ ва этносайёҳиро ба таври васеъ фаро гирифта, инчунин ташкили сафарҳои фарҳангӣ ва маърифатиро, ки ба боздид аз ёдгориҳои таърихӣ равона шудаанд, дар бар мегирад.

Рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон тавассути таҳияи чораҳои маҷмӯӣ бо ҷалби ҷонибҳои асосии манфиатдор, аз ҷумла ширкатҳои сайёҳӣ, мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва аҳолии маҳаллӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, зарур аст, ки барои беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ корҳои ҳамаҷониба анҷом дода шаванд.

## ХУЛОСА

*1. Маҷмуи равишҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди сайёҳии экологӣ дар муҳити муосир, инчунин принсипҳои илмие, ки асоси онро ташкил медиҳанд.*

Дар ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот метавон ба хулосаи умумӣ расид, ки мавҷудият ва рушди сайёҳии экологӣ ҳамчун падида дар доираи модели кунунии иқтисодии давлат бо зарурати истифодаи оқилона, мақсаднок ва сарфакоронаи захираҳои табиӣ, инчунин бо равандҳои рушди устувор иртиботи мустақим дорад. Аз ин рӯ, он талаб менамояд: а) коҳиш додани равишҳои бештар назариявӣ-амалӣ ва густариши усулҳои амалӣ, б) ҷорӣ намудани низоми мукаммал бо ҷудо намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои марбут ба он, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ба таври ҳамаҷониба ва дақиқ таҳия шудаанд. Мутаносибан, дар ин замина зарур аст аз таҷрибаи кишварҳо ва минтақаҳои дигар, ки дар марҳилаи тақрибан ҳамсон бо Тоҷикистон қарор доранд, истифода бурда шавад.

Бинобар ин, дар диссертатсия модели комплексии рушди сайёҳии экологӣ пешниҳод мегардад, ки унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар худ муттаҳид мекунад ва чунон ки ба назар мерасад, аз як ҷониб метавонад ба афзоиши даромад ва офаридани ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар ҳифзи захираҳои табиӣ ва фарҳангиро барои наслҳои оянда таъмин созад [1А, 2А].

*2. Арзёбии вазъи кунунии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон, муайян кардани мушкилот ва имкониятҳо барои рушди ин соҳа.*

Таҳлили гузаронидашудаи вазъи кунунии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон имкон дод ба чунин хулоса расид, ки кишвари зикршуда бо шарофати сарватҳои нодири табиӣ, гуногунии биологӣ, мавҷудияти объектҳои мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва ғайра дорои иқтидори ниҳоят бузург барои рушди ин самт мебошад. Ҳамзамон бо ин, мушкилоте низ таъкид мегарданд, ки ба истифодаи самараноки ин иқтидор монеъ мешаванд, монанди: ҷалби нокифояи сармоягузорӣ, сатҳи нисбатан пасти тахассуси ҳайати кадрӣ, ақибмонии инфрасохтори сайёҳӣ аз равандҳои муосир ва ҳатто аз нишондиҳандаҳои асосӣ, ниёзҳо ва меъёрҳои «бароҳатӣ», ки дар сатҳи ҷаҳонӣ устувор шудаанд, рушди сусти маркетинг ва SMM, тақрибан мавҷуд набудани дастгирии иттилоотӣ, инчунин номувофиқӣ ва ҳамоҳанг набудани амалҳо ва қарорҳои мақомоти давлатӣ, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷомеа.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳои муайяншуда дар ҷараёни таҳқиқот дар бораи потенсиали баланди соҳа шаҳодат медиҳанд, ки дар шароити танзими устувори давлатӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ на танҳо васеъ кардани доираи хизматрасониҳои сайёҳии экологӣ, балки беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳифзи гуногунрангии биологӣ ва ташаккули обрӯйи мусбии кишвар дар бозори ҷаҳонии сайёҳии экологӣ имконпазир аст [4A, 12A].

3. *Таҳлили афзалиятҳои рақобатии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ, инчунин дурнамоҳои ҷалби сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ.*

Зикр кардан бамаврид аст, ки Тоҷикистон дорои афзалиятҳои нодири рақобатӣ мебошад. Ин мавқеи онро нисбат ба дигар кишварҳои минтақа ба таври мусбат фарқкунанда месозанд. Он бо мероси ниҳоят ғании табиӣ чун силсилакӯҳҳои Помиру Фон, кӯлҳои бисёр тозаву шаффоф, гуногунии ландшафтҳо, инчунин шумораи зиёди боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳоро тавсиф гардида, бо сатҳи нисбатан пасти таъсири

антропогенӣ ба муҳити зист фарқ мекунад. Омили муҳимми дигар мероси ғании фарҳангӣ - шаҳрҳои бостонӣ, анъанаҳои ҳунармандӣ, меҳмоннавозии аҳолӣ ва ҷашнҳои воқеан аслии миллӣ мебошад.

SWOT-таҳлили гузаронида шуда нишон дод, ки сарфи назар аз хатарҳои беруна (хатарҳои геополитикӣ, рақобат аз ҷониби кишварҳои ҳамсоя, бӯҳронҳои ҷаҳонӣ), Тоҷикистон метавонад мавқеи худро дар бозори сайёҳии экологӣ тавассути таҳияи маҳсулоти нави сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани меъёрҳои муосир ва пешбурди фаъолонаи кишвар дар бозори байналмилалии сайёҳӣ тақвият диҳад [6А, 7А].

*4. Коркард ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба таҳкими рақобатпазирии сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, рушди минбаъдаи инфрасохтор ва густариши фаъолияти маркетингӣ дар ин соҳа.*

Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии экологӣ дар ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст, ки рушди нақлиёт ва инфрасохтори роҳ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, фароҳам овардани шароити дастрасӣ ба мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ, инчунин ташкили боздид аз минтақаҳои нодири кӯҳиро дар бар мегирад.

Самти на камтар муҳим баланд бардоштани сатҳи касбии иқтидори кадрии соҳа мебошад, ки таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ, такмили низоми омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисон, инчунин ҷалби фаъоли ҷавононро ба иштирок дар лоиҳаҳои сайёҳии экологӣ пешбинӣ менамояд. Ин гуна лоиҳаҳо ба ҳифзи мероси табиӣ, рушди ташаббуси соҳибкорӣ ва ташаккули муносибати масъулиятнок ба рушди устувори сайёҳӣ равона карда мешаванд [5А, 8А, 9А].

*5. Таҳияи шаклҳо ва усулҳое, ки ба мусоидат барои рушди устувор ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари сайёҳии экологӣ дар кишвар равона шуда, афзоиши иқтисодӣ ва ҳифзи захираҳои табииро таъмин менамоянд.*

Дар ҷараёни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор механизмҳо ва усулҳо коркард ва пешниҳод гардиданд, ки ба таъмини рушди устувори сайёҳии экологӣ бо дарназардошти меъёрҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ равона шудаанд. Ба унсури асосӣ шарикии самарабахш байни давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, рушди низоми грантҳо ва субсидияҳо барои лоиҳаҳои дорои самти экологидошта, инчунин ҷорӣ намудани стандартҳои сохтмони «сабз» ва технологияҳои каммасраф дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ taаллуқ дорад.

Пешниҳод мегардад, ки низоми мониторинг ва назорати ҳолати системаҳои табиии экологӣ пурзӯр карда шуда, воситаҳои ҷалби ҷомеа ба раванди идоракунии минтақаҳои махсус муҳофизатшаванда такмил дода шаванд ва фаъолияти марбут ба боло бурдани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ минбаъд густариш ёбад.

Таваҷҷуҳи махсус ба рушди хатсайрҳои экологӣ, ҷорӣ намудани сертификатҳои “сабз” барои ширкатҳои сайёҳӣ ва истифодаи ҳалли нави IT бо мақсади коҳиши таъсири манфии сайёҳӣ ба муҳити зист равона шудааст. Ҳамаи чорабиниҳои пешниҳодшуда ба дурнамои дарозмуддат нигаронида шудаанд ва ба ҳифзи захираҳои табиӣ, афзоиши даромад ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар минтақа равона гардидаанд [3А, 10А].

*6. Тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки ба такмил додани моделҳои мавҷудаи идоракунии сайёҳии экологӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани марҳилаи зина ба зина татбиқи технологияҳо инноватсионӣ ва меъёрҳои муосири экологӣ дар соҳаи сайёҳии Тоҷикистон равона шудаанд.*

Таҳлили моделҳои амалкунандаи идоракунӣ зарурати гузариш ба низомҳои тағйирпазир, мутобиқшаванда ва инноватсионӣ, ки дар асоси қоидаҳои рушди устувор ва ҳамгироии таҷрибаи байналмилалӣ асос ёфтаанд, тақвият бахшид. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки равиши кластерӣ дар идоракунии минтақаҳои сайёҳии экологӣ мавриди татбиқ қарор

дода шуда, барои мониторинг ва пешгӯии рушди соҳа маркази ягонаи иттилоотӣ-таҳлилӣ таъсис дода шавад, инчунин платформаҳои электронии автоматикунонии хизматрасониҳо ва низоми назорати сифати онҳо роҳандозӣ гарданд.

Пешниҳод мешавад, ки низоми ҳамкории байнимақомотӣ дар самти рушд такмил ёфта, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ ба раванди идоракунии захираҳои сайёҳӣ бештар ҷалб гарданд ва низоми омӯзиши мунтазаму баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбии мутахассисон ҷорӣ карда шавад, инчунин аз усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот (big data, системаҳои геоинформатсионӣ) барои баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ истифода бурда шавад. Яке аз вазифаҳои муҳим ташкили низоми сертификатсия ва ҳавасмандгардонии ширкатҳое мебошад, ки стандартҳои экологиро ҷорӣ мекунанд, инчунин пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии экологиро истифода мебаранд [11А].

Хулоса, метавон гуфт, ки татбиқи тавсияҳо ва механизмҳои болозикр на танҳо рақобатпазирии сайёҳии экологиро дар Тоҷикистон тақвият медиҳад, балки рушди устувори соҳа, афзоиши иқтисодӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва таҳкими обрӯи байналмилалии кишварро таъмин хоҳад кард.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛӢ АЗ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҷорӣ намудани модели консептуалии ҳамгиро, ки асосҳои назариявӣ, таҳлили вазъи кунунии сайёҳии экологӣ ва принсипҳои рушди устуворро муттаҳид мекунад, ба фаъолияти ташкилоти сайёҳии давлатӣ ва хусусии Тоҷикистон. Ин модел имкон медиҳад ба рушди сайёҳии экологӣ бо равиши низомманд муносибат карда шуда, мувозинати манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин гардад.

2. Истифодаи усулҳои аз ҷониби муаллиф таҳияшудаи баҳодиҳии самаранокии иқтисодии корхонаҳои сайёҳии экологӣ, ки ба ташкилот имкон медиҳад саҳми сайёҳии экологи-ро ба

иқтисоди минтақавӣ дақиқтар чен намуда, қарорҳои сармоягузории асоснок қабул кунанд.

3. Татбиқи усулҳои баҳогузории иқтидори захираҳои табиӣ, мутобиқ ба хусусиятҳои минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, бо ҳадафи муайян намудани мавзеъҳои дорои дурнамои рушд, ки рушди сайёҳии экологӣ дар онҳо бо камтарин хатари таъсир ба гуногунии биологӣ алоқаманд аст.

4. Ҷорӣ намудани маҷмуи механизмҳо ва принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки дастгирии давлатӣ, ки тадбирҳои иқтисодӣ (имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо), ташкилӣ (таъсиси агентӣ ва шуроҳои ҷамъиятӣ) ва меъёриро (такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ) фаро мегиранд, пешниҳод мегардад.

5. Амалӣ намудани тавсияҳои стратегӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии сайёҳии экологӣ истифодаи маҷмӯии равишҳои муосири идоракунӣ, таҷрибаи мусбати байналмилалӣ ва принсипҳои рушди устуворро пешбинӣ менамояд. Дар доираи он таҳия ва пешбурди маҳсулоти нави сайёҳии дорои самти экологӣ, навсозӣ ва таҳкими инфрасохтори сайёҳӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалии экологӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳои мақсадноки маркетингӣ, ки ба ташаккули симои устувори Тоҷикистон мусоидат мекунанд, аҳамияти афзалиятнок пайдо менамоянд.

6. Гузаронидани барномаҳои таълимӣ, курсҳои такмили ихтисос ва тренингҳои махсус барои кормандони соҳаи сайёҳӣ бояд ҳамчун яке аз шартҳои муҳими ташаккули иқтидори малакаи касбӣ баррасӣ гардад, зеро баланд бардоштани саводнокии экологӣ, рушди малакаҳои амалии хизматрасонӣ ба сайёҳон ва аз худ намудани равишҳои муосири ташкили хатсайрҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар на танҳо ба таҳкими устувории рушди сайёҳӣ мусоидат менамоянд, балки имкон медиҳанд, ки таъсири антропогенӣ ба ҳудудҳои табиӣ коҳиш дода шавад.

Истифодаи амалии тавсияҳои таҳиягардида имкон медиҳад, ки рушди устувори сайёҳии экологӣ таъмин карда шуда, динамикаи иқтисодии минтақаҳо тақвият ёбад ва барои ҳифзи

мероси нодири табиӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

## Адабиёти истифодашуда


## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» : дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014, № 1159 [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=51026 (санаи мурочиат: 20.05.2024).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36374 (санаи мурочиат: 04.08.2024).
3. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://medt.tj/images/08.02.2024г.pdf (санаи мурочиат: 04.08.2024).
4. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 : бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372 тасдиқ шудааст [Манбаи электронӣ] // Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон : сомонаи расмӣ. – Реҷаи дастрасӣ: https://ctd.tj (санаи мурочиат: 12.08.2025).

## Китобҳо, воситаҳои таълимӣ ва монографияҳо

5. Атышов, К. А. Экотуризм : учебное пособие / К. А. Атышов, Б. У. Турдумамбетов. – Бишкек, 2004. – 320 с.
6. Бойматов, А. А. Формирование стратегии устойчивого развития региональной экономики / А. А. Бойматов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 320 с.
7. Борисов, В. А. Охраняемые природные территории мира. Национальные парки, заповедники, резерваторы : справочник / В. А. Борисов, Л. С. Белоусова, А. А. Винокуров. – Москва: Агропромиздат, 2005. – 310 с.

8. Диловаров, Р. Проблемы охраны и рационального использования природных ресурсов верхнего течения Амударьи / Р. Диловаров. – Душанбе: Дониш, 2014. – 100 с.
9. Мамадризохонов, А. А. Экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / А. А. Мамадризохонов. – Душанбе, 2013. – 594 с.
10. Сергеева, Т. К. Экологический туризм: учебник / Т. К. Сергеева. – Москва : Финансы и статистика, 2004. – 360 с.

## Мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо

11. Васильева, Е. В. Роль природных ресурсов в социально-экономическом развитии регионов / Е. В. Васильева // Науковедение. – 2015. – Т. 7, № 6. – С. 2–11.
12. Дроздов, В. В. Развитие экологического туризма как фактор формирования социально-экономической среды / В. В. Дроздов, В. Ю. Эйсмонт // Учёные записки Российского государственного гидрометеорологического университета. – 2017. – № 49. – С. 244–260.
13. Дустбаев, Ш. Состояние и перспективы развития туризма в Республике Таджикистан / Ш. Дустбаев // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 5 (68). – С. 56–65.
14. Исайнов, Х. Р. Зелёная экономика как основное направление реализации устойчивого развития в Республике Таджикистан / Х. Р. Исайнов // Образование и наука в XXI веке: современные тенденции и перспективы развития. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2018. – С. 145–148.
15. Кабилова, Н. Н. Развитие экологического туризма — перспективная форма устойчивого развития Таджикистана / Н. Н. Кабилова // Материалы конференций ГНИИ «Нацразвитие». – Санкт-Петербург, 2017. – С. 14–17.
16. Карамхудоев, Х. Е. Эффективность развития экотуризма в условиях глобального изменения климата: на примере Таджикистана / Х. Е. Карамхудоев, Б. А. Алидодов, М. А. Амонатова // Наука и инновация. Серия геологических и технических наук. – 2020. – № 1. – С. 50–56.
17. Сохибов, Е. Н. Анализ основных направлений государственной поддержки туристической отрасли в

Республике Таджикистан / Е. Н. Сохибов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-1. – С. 121–128.

## Манбаъҳои электронӣ

18. Анализ современного состояния и прогноз развития экологического туризма [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://elibrary.ru/item.asp?id=22269958 (санаи муроҷиат: 25.05.2024).
19. Природные зоны Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://kk.convdocs.org/docs/index-171847.html (санаи муроҷиат: 25.05.2024).
20. Нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ / Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://ctd.tj (санаи муроҷиат: 12.08.2025).

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М]. Сохибов А. Н.**, Гуломов З. З. Равишҳои методологӣ барои таҳлили тамоюлҳои истеъмолкунандагон дар бозори хизматрасонии меҳмонхонаҳо // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати тоҷикистон, Душанбе. – 2024. – №3 (53). – С. 348-355. ISSN 2308-054X
**[2-А]. Сохибов А. Н.** Роль экологического туризма в устойчивом развитии рекреации в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе. – 2024. – № 4–1 (54). – С. 296-303. ISSN 2308-054X
**[3-А]. Сохибов А. Н.** Экономическая значимость экологического туризма в республике Таджикистан // Финансово-экономический вестник ТГФЭУ, Душанбе. – 2024. – № 4 (43). – С. 305-316. ISSN 2663-0389
**[4-А].** Ёров Дж. Н., **Сохибов А. Н.** Роль государства в стимулировании развития экологичесого туризма // Финансово-экономический вестник ТГФЭУ, Душанбе. – 2025. – № 1 (44). – С. 182-191. ISSN 2663-0389

**[5-А].** Кадырова М. И., **Сохибов А. Н.** Экологический туризм и его влияние на устойчивое развитие рекреационного потенциала Республики Таджикистан // Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии НАНТ, Душанбе. – 2025. – № 2. – С. 315-320. ISSN 2310-3957

**[6-А]. Сохибов А. Н.** Экономические аспекты экологического туризма в Таджикистане: оценка возможностей // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе. – 2025. – № 3 (58). – С. 306-314. ISSN 2308-054X

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаи тақризшавандаи КОА Русия нашр шудааст**

**[7-М]. Сохибов А. Н.** Будущее внутреннего и въездного туризма в современных реалиях // Вестник ассоциации вузов туризма и сервиса. Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный университет туризма и сервиса». – 2024. – №2 том.18. – С. 100-110. ISSN 2414-3863

**[8-М].** Ёров Д. Н., **Сохибов А. Н.** Проблемы территориальной организации экологического туризма в Таджикистане // Вестник ассоциации вузов туризма и сервиса. Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный университет туризма и сервиса». – 2025. – №1 том.19. – С. 82-92. ISSN 2414-3863

**Мақолаҳо дар маҷмуаҳои дигари илмӣ**

**[9-М]. Сохибов А. Н.** Влияние качественного обслуживания на развитие туристической отрасли // Международная научно-практическая конференция «Совершенствование системы управления развитием туризма в стране: проблемы, факторы и тенденции развития». – Душанбе, 22 декабря 2023. – С. 116-119

**[10-М]. Сохибов А. Н**. Туризм как основной элемент развития экономики страны // Международная научно-практическая конференция «Инновационные технологии управления и стратегии территориального развития туризма и сферы

гостеприимства», 20 сентября 2024 г. / кол. авторов; под ред. Е. Е. Коноваловой. – Москва: РНИ РГУТИС, 2024. – С. 24-32.
**[11-М]. Сохибов А. Н**. Влияние экологического туризма на формирование устойчивой модели туристической индустрии // Актуальные вопросы современных научных исследований: сб. ст. XIV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение», 2024. – С. 98-101.
**[12-М]. Сохибов А. Н.** Таджикистан: географические особенности и перспективы развития экологического туризма // Зелёная экономика – инфраструктура развития промышленности в Республике Таджикистан: материалы междунар. науч.-практ. конф., Душанбе, 2024. – С. 412-415.

## АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Сохибова Аъзама Нуруллоевича на тему «Совершенствование организационно-экономического механизма развития экологического туризма в Таджикистане» на соискание учёной степени доктора философии (PhD) – доктора по специальности 6D050600 – Экономика (6D050611 – Экономика туризма и гостеприимства).

**Ключевые слова:** экологический туризм, современная экономика, экономические аспекты, конкуренция, охраняемые территории, стимулирование, рекомендации, туристический рынок, аграрный туризм.

**Актуальность темы.** Необходимо выработать эффективную стратегию для развития экологического туризма в Таджикистане, обеспечивающую баланс между экономическими выгодами и сохранением природы.

**Цели и задачи исследования.** Совершенствование механизмов развития экологического туризма в Таджикистане для устойчивого экономического роста и сохранения природного наследия. Анализ современного состояния, выявление проблем, оценка потенциала и разработка рекомендаций по эффективному развитию экологического туризма.

**Объект исследования** – экологический туризм в Республике Таджикистан.

**Предметом исследования** являются экологические, экономические и институциональные аспекты развития экологического туризма в Таджикистане.

**Научная новизна диссертации.** Разработана новая модель оценки экологического туризма, интегрированы экологические принципы в экономику, предложены инновационные механизмы поддержки и рекомендации по созданию устойчивой инфраструктуры в Таджикистане, проведён глубокий анализ конкурентных преимуществ и природно-культурного потенциала, а также представлены стратегии повышения инвестиционной привлекательности и развития новых туристических продуктов.

**Практическая значимость исследования** заключается в том, что его результаты могут быть использованы для разработки и реализации, конкретных мер, направленных на совершенствование развития экологического туризма в Таджикистане, повышение его конкурентоспособности, обеспечение экологической устойчивости и содействие социально-экономическому развитию региона.

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Соҳибов Аъзам Нуруллоевич дар мавзуи «Такмил ва инкишофи механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ).

**Калидвожаҳо:** сайёҳии экологӣ, иқтисоди муосир, ҷанбаҳои иқтисодӣ, рақобат, мавзеъҳои муҳофизатшаванда, ҳавасмандгардонӣ, тавсияҳо, бозори сайёҳӣ, сайёҳии аграрӣ.

**Аҳаммияти мавзуъ.** Зарур аст, ки барои рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон стратегияе таҳия карда шавад, ки тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳифзи табиатро таъмин намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Такмил додани механизмҳои рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон баҳри рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи мероси табиӣ. Таҳлили вазъи муосир, муайянсозии мушкилот, арзёбии потенсиал ва таҳияи тавсияҳо барои рушди самараноки сайёҳии экологӣ.

**Объекти таҳқиқот** – сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи таҳқиқот** ҷанбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Навоварии илмии диссертатсия.** Модели нави арзёбии сайёҳии экологӣ таҳия гардида, принсипҳои экологӣ ба иқтисодиёт ворид шуданд, механизмҳои инноватсионии дастгирӣ ва тавсияҳо оид ба ташкили инфрасохтори устувор дар Тоҷикистон пешниҳод гардиданд, бартариҳои рақобатпазирӣ ва потенсиали табиӣ-фарҳангӣ амиқ таҳлил шуда, инчунин стратегияҳои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва рушди маҳсулоти нави сайёҳӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои таҳия ва татбиқи чораҳои мушаххас, ки ба такмили рушди сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини устувории экологӣ ва мусоидат ба рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа нигаронида шудаанд, истифода бурда шаванд.

# ABSTRACT

for the Author's Summary of the Dissertation by Sohibov A'zam Nurulloevich on the topic "Improvement of the Organizational and Economic Mechanism for the Development of Ecological Tourism in Tajikistan" submitted for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) – Doctor in the specialty 6D050600 – Economics (6D050611 – Economics of Tourism and Hospitality)

**Keywords:** ecotourism, modern economy, economic aspects, competition, protected areas, stimulation, recommendations, tourism market, agritourism.

**Relevance of the topic.** It is necessary to develop an effective strategy for the development of ecological tourism in Tajikistan that ensures a balance between economic benefits and nature conservation.

**Purpose and objectives of the research.** To improve the mechanisms for the development of ecological tourism in Tajikistan in order to ensure sustainable economic growth and preserve natural heritage. The study includes an analysis of the current state, identification of problems, assessment of potential, and development of recommendations for the effective advancement of ecological tourism.

**Object of the research** – ecological tourism in the Republic of Tajikistan.

**Subject of the research** – ecological, economic, and institutional aspects of the development of ecological tourism in Tajikistan.

**Scientific novelty of the dissertation.** A new model for assessing ecological tourism has been developed; ecological principles have been integrated into economic processes; innovative support mechanisms and recommendations for creating sustainable infrastructure in Tajikistan have been proposed; an in-depth analysis of competitive advantages and natural-cultural potential has been conducted; and strategies for increasing investment attractiveness and developing new tourism products have been presented.

**Practical significance of the research** lies in the fact that its results can be used to develop and implement concrete measures aimed at improving the development of ecological tourism in Tajikistan, enhancing its competitiveness, ensuring environmental sustainability, and contributing to the socio-economic development of the region.